Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14). E-mail: faridullo72@mail.ru www.tgfeu.tj

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, фароҳам овардани шароит барои коҳиши муҳоҷират бо мақсади боздошти захираҳои меҳнатии баландсифат дар вилояти Хатлон, ки иқтидори онҳо метавонад дар татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегӣ, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ истифода бурда шавад, андешидани тадбирҳои заруриро тақозо мекунад.

Дар ин ҳолат рушди соҳаи кишоварзӣ ва деҳоти вилояти Хатлон метавонад дар паст кардани ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа саҳмгузор бошад ва ҳамзамон қувваи кории дохилиро аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатии баргашта дар рушди иқтисодиёти вилоят самаранок истифода барад.

Унвонҷӯ қайд намудааст, ки ба эътидол овардани на танҳо вазъи соҳаи кишоварзӣ, балки ҳолати демографии минтақаҳо низ ба динамикаи равандҳои муҳоҷират вобаста аст. Барои нигоҳ доштани шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол нигоҳ доштани қувваи кории муҳоҷирон дар вилоят зарур аст.

Аз ин ҷо метавон чунин хулоса баровард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Кабиров Шарофудин Раҳмудинович аҳамияти муайяни амалӣ дорад, зеро дар он имконияти истифода намудани таҳқиқот барои танзими равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори минтақавии меҳнат равшан зоҳир мегардад. Пешниҳод ва тавсияҳоро оид ба бозори минтақавии меҳнат дар бахши кишоварзии он метавон истифода намуд.

Дар баробари бартариятҳо ва дастовардҳои назаррас дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ба монанди баъзе ибораҳо ва ҷумлаҳои таҳрирталаб ба назар мерасанд.

Эроди мазкур хислати тавсиявӣ дошта, ҳаргиз арзиши баланди илмии корро паст намекунад.

Сохтори автореферат ва интишороти довталаб пурра ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд. Мазмуни автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муалифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои илмии мавзӯи интихобшуда, нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзӯи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н.А.